# Тамоку ё сигор вабои аср, бояд аз он раҳоӣ ёфт!
# Таҳлил, баррасӣ, аҳком, назарот, ва пешгӯиҳо.

﴿ الدخان وباء العصر ﴾

[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]

**МУҲАММАДИҚБОЛИ САДРИДДИН**

2010 - 1431

islamhouse.com

# ﴿ الدخان وباء العصر ﴾

« باللغة الطاجيكية »

محمد إقبال صدر الدين

2010 - 1431

islamhouse.com

**Тамоку ё сигор вабои аср, бояд аз он раҳоӣ ёфт!**
**Таҳлил, баррасӣ, аҳком, назарот, ва пешгӯиҳо.**

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон.

Сипосу ситоиш барои Худованди кариму маннон ва дуруди фаровон бар паёмовари ҳақ Муҳаммади Мустафо ва хонадони пок ва ёрони бовафою диловараш, ки моро ба дини ростин даъват намуда, яктопарасту муваҳҳидамон гардонид, вагарна дар бесарусомониҳо ва торикиҳои куфру ҷаҳолат умр басар бурда ва ин олами зебои бекаронро, ки пур аз махлуқот ва мавҷудоти аҷибу ғариб аст ва ҳар кадом барои шинохт ва маърифати Парвардигор мактабест, бо диду назари дигар менигаристем.

Худоё қадамҳои моро дар роҳи «Сиротал мустақим» устувор бидор ва то охири ҳаёт моро аз ин роҳ мунсариф магардон.

Худованди бузургу баландмартаба ва тадбиркунандаву чорасоз, аз рӯи меҳрбонию раҳмат, бандагонашро аз ҳар чизи зараровар боз доштааст. Он зарар ва зиён, чӣ аз тариқи камбуд ва норасоии динию эътиқодӣ, мисли намозу рӯза ва соири ибодот бошад ва ё камбуди ахлоқӣ, мисли бебандуборӣ ва пайравии ҳавову ҳавас. Ё камбуди ҷисмонӣ, мисли зоеъ кардани саломатӣ бошад ва ё камбуди молӣ, мисли талаф додани мол аз рӯи исрофкорӣ ва ё зарари маънавӣ, мисли беҳудагузаронии вақт ва умри азиз. Ва ё ҳар зарари дигаре, ки барои баданҳою молҳо ва обурую иззати бандагон ва соири махлуқоташ бошад, ҳамааш дар назди Худованд яксон буда, дар зери ҳукми зарар

қарор дорад. Хулоса, ҳамаи ин зиёну зарарҳои бар бандагон ва махлуқот воридшаванда, дар умум, ҳама зиён бар бандагон ва махлуқоти Офаридгори оламанд ва Худованд офаридаҳояшро бисёр дӯст медорад ва барои онҳо хоҳони хубӣ ва офият аст.

Чуноне ки дар каломи ҷовидонаш -Қуръони карим- дар сураи Аъроф, ояти 157 дар хусуси ҳаромкардаҳояш чунин мефармояд:

**«Чизҳои покизаро бар онҳо ҳалол мекунад ва чизҳои нопокро ҳаром ва бори гаронашонро аз дӯшашон бар медорад»**

Нопокӣ ва палидиҳоеро, ки Худованд барои бандагонаш ҳаром кардааст, дар умум ҳар чизест, ки нафси латифи инсон онро қабул надошта ва манфураш мешуморад. Истифодаи ҳаромкардаҳои Худованд, ҳатман барои инсон зарар ва зиёнеро дар пай хоҳад дошт.

Яке аз ин зараррасонҳо сигор ва ё сигарет, ки ба тоҷикӣ тамокуяш меномем ба шумор меравад ва он дар таркибаш моддаи заҳрогини наркотикие бо номи «Никотин» дорад, ки барҳамзанандаи саломатӣ, барбоддиҳандаи молу сарват ва ифлоскунандаи ҳавои солими муҳити зист мебошад. Бо ниҳояти таассуф бояд арз намоям, ки гирифторони ба ин маразаи муҳлик аз бани башар дар умум ва аз мардуми мусалмони олам ва ҷавонмардони тоҷик ба хусус, хеле зиёд гаштаанд, ҳатто дар баъзе минтақаҳои кишвар хоҳарон ва модроне ба чашм мехӯранд, ки ин заҳри кушандаро

истеъмол менамоянд. Миллати барӯманд ва шарафманди тоҷик дар даврони Иттиҳоди шуравӣ ба ин заҳри кушанда он қадар таваҷҷӯҳ ва иштиёқе надоштанд, ки имрӯз доранд. Баъзеҳо онро, ҳатто дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва дар ҳузури мардум, ҳамчун як чизи оддӣ истеъмол менамоянд.
На аз ҳузурдоштагони гирду атроф ҳаё мекунанд ва на эҳтироме ба ҳуқуқ ва ҳузури онҳо доранд, ки ин навъ муъомила ва рафтор дар одоби бархурди миёни миллати мо собиқае надошт ва онро бесобиқа медонанд.

Бо таассуфи хеле зиёд сигоркашӣ, дар миёни баъзе ҷавонони ин миллат, дар рӯзҳои охир як навъ анъана ва муд шудааст, ки намедонам аз нодонӣ ва ё тарбияи пасти солҳои охир бошад ва ё аз камтаваҷҷӯҳии волидайн нисбати фарзандон, ки ин заҳри муҳликро ҷавонони имрӯзии мо ҳамчун рамзи ҷавонӣ ва мардонагӣ пиндошта, ба монанди ҷавонони ғарбӣ, ки аз нигоҳи одобу ахлоқ ва ҳаёву шарм дар пасттарин сатҳи инсонӣ умр басар мебаранд, онҳоро пешво ва маҳаки тараққиёт ва саъодати худ медонанд. Бехабар аз он, ки тамаддун ва фарҳанги ғарбӣ аз фарҳанг ва тамаддуни миллати мо ба куллӣ фарқ мекунад ва бо хулқу атвор ва одоби шарқиёнаи миллати куҳанбунёди тоҷик созгор ва наздикие надорад .

Чуноне ки аллома Иқболи лоҳурӣ фармудааст.

Қуввати мағриб на аз чангу рубоб.

Не зи рақси духтарони беҳиҷоб,
Қуввати мағриб аз илму фанаст.
Аз ҳамин оташ чароғаш равшан аст.

Аз Худованди меҳрубон хоҳиши онро дорам, ки мардуми бошарафи миллатам, ба хусус ҷавонон ва наврасони азизро, аз ин вабои даҳшатноки аср дар паноҳаш нигоҳ дорад. Инчунин, ҳидояти роҳи рост ва дониши хуб ва ахлоқи нек ва хусусан солимии ҷисмонию маънавиро насибшон гардонад, зеро аз миллати носолим насли носолим ва мубтало ба бемориҳои гуногун ба дунё хоҳад омад ва барои ҳамин ҳам илоҷи воқеъа пеш аз вуқӯъ бояд.

**Таърихи пайдоиши сигор, тамоку ё танбоку.**

Бумиёни қораи Амрико, дар даврони бостон, ба хосияти гиёҳи «Танбоку» пай бурданд. Дар соли 1492 мелодӣ Кристеф Колумб ва ҳамроҳонаш ба ҷазирае дар миёни Амрикои шимолӣ ва ҷанубӣ расиданд. Онҳо диданд, мардуми бумии «маҳаллии» он ҷо гиёҳи аҷиберо ба рӯйи оташ рехта ва дудашро ба даруни шиши худ фурӯ мебаранд. Кристеф Колумб нахуст тасаввур кард, ки минтақаи ҷодугаронро кашф кардааст. Вақте аз наздик ошно шуд дид, он чизи дигаре будааст, ки ҳатто тасаввурашро ҳам накарда буд ва ҳангоми бозгашт микдоре аз баргҳо ва донаҳои он гиёҳро бо худ ба Испониё овард ва ба ин тартиб он ба Аврупо роҳ ёфт. Мардуми Аврупо нахуст номи онро «Тубоку» ва мо дар Осиё онро «Танбоку» меномем ва

дар забони форсӣ «Тутун» низ меномандаш ва дар байни мардуми тоҷик бо номи «Тамоку» шӯҳрат дорад. Дар умум агар ба ривоҷ ва густариши тамоку дар таърих бингарем мебинем, ки фотеҳин ва ё кишваркушоёни испонёии Амрико, аз бумиёни он сарзамин ин гиёҳро омӯхтанд ва худи лафз ё калимаи сигор аз забони испонёӣ буда, ки аз танбокуи бумиёни он марзу бум гирифта шудааст ва эҳтимолан аз забони молиёӣ бошад. Тамоку тавассути португалҳо вориди Осиё гардид ва аз он ҷо ба Ирон ва пас аз Ирон ба минтақаҳои мо расид, ки тақрибан ба солҳои 1590 то 1605 мелодӣ тахмин мезананд. Дар Ирон густариши он тавассути Шоҳ Аббоси Сафавӣ ба авҷи аълои худ расид ки то кунун дар маҷрои болотарин омор дар ҳоли густариш аст.

**Сигор ва тамоку ё танбоку инсонро ба бемориҳои гуногун мубтало менамояд.**

Дар сигор чаҳор ҳазор моддаи химявии хатарнок ҳамчун омуниёк «ammoniaque» (газе аст беранг, ки бӯи тунд ва ашковар дорад) ва сурб ва орсинк мавҷуд аст. Аммо моддаи коҳ сабаб мегардад то истеъмолкунандаҳояш ба он ҷалб шаванд. Никотин аз баргҳои гиёҳи тамоку ба даст меояд. Никотин як моддаи заҳрогин буда равғанмонанд мебошад ва хеле таъсири зиёд дар таҳрик ва саркӯбии бадан дорад. Як дона сигор дарбаргирандаи 8 то 20 милиграмм никотин аст, ки танҳо як милиграмми он ҳангоми кашидани

сигор дар бадан ҷазб мегардад. Никотин пас аз ворид шудан ба ҷараёни хун мустақиман ва сареъ ба мағз мерасад ва сипас дар тамоми бадан мунташир мегардад. Пас аз 10-15 сонияи фуру бурдани дуди сигор ба дарун, моддаи никотин ба мағзи сар мерасад ва нахуст мағзро карахт карда оромиш мебахшад ва онро ба ин мавод муътод менамояд ва дар ҳолати идома пайдо кардани ин раванд мағзро карахт намуда ва қувваи ҳофизаро суст ва фаромӯшхотириро ба бор меорад. Никотин сабаби дар хун зиёд шудани **одриналинд** гашта ва заработи қалбро зиёда мегардонад ва инчунин сабаби коҳиши **инсулини қанди хун** мегардад. Никотин сабаб мешавад глюкозаи беш аз маъмул дар хун вуҷуд дошта бошад, бинобар ин боиси он мегардад, ки шахс камтар эҳсоси гурӯснагӣ кунад. Моводи никотин дар хун чунон таъсири манфӣ дорад, ки калорияи бадани шахси солимро беш аз маъмул хоҳад сӯзонд ва шахси сигорӣ бинобар истеъмоли давомноки он вазнашро кам менамояд. Тибқи тадқиқот ва пажӯҳиши табибони аврупоӣ дар Лондон, истифодаи рӯзмарраи сигор шахси сигориро мубтало ба бемориҳои зерин мекунад.

1. Фишори хуни боло.
2. Масдудшавии рагҳои хунгард ва ғализии хун, ки ба сактаи қалбӣ оварда мерасонад.
3. Камшавии витамини С дар бадан.
4. Камшавии системаи эминии бадан.
5. Саратони даҳон, гулу ва ҳанҷара.
6. Бранхит ва омфезим.
7. Захми меъда.

8. Камшавии вазн.
9. Камшавии ҳиссиёти бӯёӣ ва таъми хурок.
10. Бемориҳои гуногуни пуст.
11. Безурриётӣ дар мардон.
12. Оби марвориди чашмро афзоиш медиҳад.
13. Биноиро заиф месозад.
14. Харобшавии дандон ва лассаи дандон.
15. Пук шавии устухонҳои ҷисм.
16. Камшавии рағбати ҷинсӣ дар мардон.
17. Резиши мӯй.

Хотирнишон мекунам, ки таҳқиқотҳои ахири табибон муаян намудааст, ки агар дар хона зани ҳомила бошад ва ҳамеша дуди сигорро нафас гирад, шояд ҳамин кор имконияти 56% сабаби марги тифлро дар батни модар муҳаё кунад ва агар он тифл зинда таваллуд шавад ҳам солим нест ва ҳатман, ба бемориҳои гуногун мубтало аст.Тадқиқоти дигари табибон нишон додааст, ки марду зани сигоркашро хатари аз байн рафтани ҷанини писар мавҷуд буда ва эҳтимоли духтардор шӯдани он зан бештар аст. Пас аз таваллуд ду маротиб бештар дар маърази бемориҳои гуногуни саратон қарор гирифтани тифл аз эҳтимол дур нест. Ин тадқиқот аз сӯи Доктор Дилитлигроф таи солҳои 1998 то 2003 дар мавриди 9000 зани ҳомила сурат гирифтааст. Дар идомаи тадқиқоташ доктор чунин меоварад, ки модарони дар даврони ҳомиладорӣ сигор кашанданда ва ё ба дуди сигор наздик, нисбат ба модарони аз ин мараз дар амон монда, 90% аз писардор шудан маҳрум мемонанд. Дар хусуси мардони сигорӣ

доктор меафзояд, ки чун ҷанини писар ба маводи никотин тобовар нест, 50% камтари чунин мардон нисбат ба мардоне, ки сигор намекашанд, эҳтимоли писардор шуданро доранд ва агар писардор шаванд ҳам дар даврони ҳомилагии зан хатари сиқти ҷанин (бачапартоӣ) зиёдтар мешавад.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ ва башарият дар умум аз ин бемории табобатнашавандаи саратон дар изтиробанд, зеро гирифтори ин беморӣ роҳе ҷуз марг надорад, магар касеро, ки Худованд раҳм намояд ва ё сабаберо барои сарватманде, ки молу дороияшро дареғ намедорад, барои бақои каме ҳам бошад, аз тариқи дармони химиётеропея ва дигар роҳу усулҳои табобатӣ, кӯмак намояд, ки он ҳам бошад ба бақои ӯ кам кӯмак менамояд ва на ҳамаи ин дармонҳо комёбанд ва инро қариб, ки ҳама медонанд.

Ҷавони азиз ва эй бародар ва хоҳаре, ки гирифтори ин беморӣ ҳастӣ, яъне ба сигор ва тамоку кашидан муътодӣ, оё боре ба навиштаҷоти болои қуттии сигор, ки бо ҳарфҳои хоно чунин навишта шудааст: «**Кашидани сигор сабабгори бемории саратон аст»,** диққат намудаӣ? Ин таъкиди вазорати тандурустии кишвари содиркунандаи ин заҳри қотил аст. Дар қутии сигор, мисли навиштаҷоти болои чизҳои ҳалол ва муфид, ки дар тавсиф ва нафърасониашон ишораҳо мавҷуд аст, зикр нашудааст ва қабл аз кушодани он туро огоҳ карда истодааст, ки истифодаи ин мавод истеъмолкунандаро ба бемориҳои гуногун, аз ҷумла саратон, бурда мерасонад. Пас чаро худро бо дасти худ

қурбонии ин маводи муҳлик месозӣ? Худованд дар Қуръони карим, дар сураи Бақара ояти195 мефармояд: **«Хештанро бо дасти хеш ба ҳалокат маяандозед»**. Ҷавони боҳуш ва эй бародар ва хоҳари азизам ва эй касе, ки ту бояд номбардор ва парчамбардори ин миллат ва  кишвари азизамон бошӣ ва бояд аз ту фарзандони солим ва дустрӯяк ба дунё биёяд. Барои чӣ тани солим ва чеҳраи зебо ва қомати ҷавонбахтиёронаи худро мубтало ба дарди муҳлик ва марговар менамоӣ? Ҳеҷ медонӣ, ки сигор туро камқувват, дандонҳои зебо ва сафеду садафинатро нурпарида ва сиёҳ карда мерезонад? Хандаи зебо ва дандонҳои булуринатро мубаддал ба хандаҳои заифона ва дандонҳои пирамарди барҷомонда мегардонад. Ҳавои мусаффо ва барои танаффус муфиди атрогинро ба бӯи ғализ ва мутанаффири дуди заҳрогин иваз менамояд, ки ҳамнишинатро аз ту нафрат меояд ва хуни чун оби анор сурхатро бо моддаи заҳрогини никотинаш махлут ва ғализ месозад, чеҳраи зебоятро пажмурда ва қалби солиматро ба сакта дучор менамояд. Сари бедард ва осудаатро мубталои дарди ногузири судоъ ва дарди нимсара менамояд.  Дар фарҷом ва ниҳояти идома доданат ба он заҳри қотил , туро марги нобаҳангоми дар интизораш набуда ба суроғат хоҳад омад, ки орзӯҳоят дар дил ва амалҳои анҷом надодаат нотамом, волидайнат дар изтироб, фарзандонат ятим ва ҳамсафари ҳаётиат зору нолону парешон хоҳад монд. Пас ҳоло ҳам дер нашудааст, фурсат ҳаст ва роҳи бозгашт боз аст. Чаро худро дидаву דониста ба чанголи марг ҳавола медиҳӣ? Ин кори хирадмандона нест.

Эй ҷавони азизу гиромӣ, қабл аз баста шудани роҳ биштоб ва фурсатро ғанимат дон, ки фардо оянда аст ва илми оянда танҳо пеши Худост ва башарро дар он ҳаққи тасарруф ва тағйире нест. Ҳамеша ин нуктаро дар хотир дошта бош, ки «Тадбиркардаи Худовандро ҳеҷ мудаббире нест».

**Масрафи беҳудаи мол ва вақт аз нигоҳи ислом.**

Хариди сигор аз дидгоҳи шариъати исломӣ ҳукми «табзири мол»-ро дорад ва бинобар ҳамин шариъати ислом моро аз он манъ намудааст. Балки ҳукми хариду фурӯши сигор хеле сахттар аст, чунки дар таркиби сигор маводе бо номи никотин вуҷуд дорад, ки ба гуфти коршиносони ин соҳа ва табибон, заҳрогин ва кушанда аст. Пас маълум мешавад, ки масрафкунандаи сигор ба тариқи авло зери ин ҳукм қарор дорад , чун Қуръони карим дар ин мавриd дар Сураи Исро, ояти 27 мефармояд: **«Исрофкорон ба шайтонҳо бародаранд ва шайтон нисбат ба Парвардигораш носипос буд.»**

Хонандаи гиромӣ, чуноне ки аз ин ояти Қуръони карим бар меояд, маълум мешавад, ки хариду фурӯш ва истеъмоли сигор, бародарӣ, ҳамдастӣ ва мушобаҳат бо шайтонро ба бор меорад. Пас бояд аз чунин амалкард барҳазар бошем, зероояндаи даҳшатнокеро дар интизор хоҳем дошт.

Аз Расули Акрам (с) дар ҳадисе ба ривояти Имом Бухорӣ чунин омадааст:

**«إِنَّ رِجَالاً يَتَخَوَّضُونَ فِي مَالِ اللهِ بِغَيْرِ حَقٍّ فَلَهُمُ النَّارُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ».**

رواه البخاري

*«Албатта, касоне ки дар моли Худо бо ҷуръатона ба ноҳақ кор мегиранд, барояшон рӯзи қиёмат оташи ҷаханнам аст».*

Аз мафҳуми ин ҳадиси муборак маълум мегардад, ки хариду фурӯш ва истеъмоли сигор, тасарруф ва соҳибшавӣ дар неъматҳои ба амонат гузоштаи Худованд, мисли неъмати саломатӣ ва мол ва истифодаи худсарона аз онҳо ва дар ғайри мавқеи нишондодаи амонатгузор истифода бурдани онҳост ва ин худ ҷурм ва ҷинояте аст, ки сазо ва ҷазояш оташи ҷаҳаннам аст.

Агар шахси муътод ё одаткарда ҳар рӯз ба маблағи 5 сомонӣ пули ба мушкилиҳо ба даст овардаашро дар ин заҳри қотил ба масраф бирасонад, пас дар як моҳ бояд то 150 сомонӣ харҷ намояд ва натиҷааш ҳам ҷуз ҳалоки худ ва зарари мардумони дар атрофаш ҳузур дошта, ки ноилоҷ ва маҷбуранд бӯи ғализ ва нафасгиркунандаи дуди сигори ӯро таҳаммул кунанд, чизи дигаре нест. Ба харҷ додани мол аз беандешагӣ, дар чизе ки ҳалоккунандаи ҷон ва зараррасони дигарон аст, худ масрафи мол дар чизи зараровари бе нафъ ба ҳисоб меравад, ки ҳам ба ҷони худ ва ҳам ба ҷомеъа зарар дорад.

Хонандаи гиромӣ, пас худ қазоват кун ва андеша намо, ки ба ин хел шахс чӣ ҳукм ва муҷозотеро сазовор медонӣ. Ҳукми Қуръони  карим ва ҳадиси Расули акрам (с) танҳо барои масрафи мол дар роҳи беҳуда ва ғайри маконаш буд, ки ин танҳо ба масрафкунанда зарари молӣ дорад ва мумкин аст дигарон аз он нафъ ва баҳрае баранд, вале мутаассифона дар ин кор масрафи пул, ҳам зарар ба молаш ва ҳам зарар ба ҷон ва саломатияш ва ҳам зарар ба атрофиёнаш ҳаст. Пас  шахси сигорӣ, ки аз се ҷиҳат зарар мерасонида аст ба тариқи авло зери ин ҳукми илоҳӣ қарор дорад.

**Ба ростӣ, маблағеро, ки шахси сигоркаш масраф менамояд, маблағи хеле зиёд аст.**

**Масалан, агар шахси сигорӣ дар як рӯз 40 дона сигор кашад, ки 2 қуттӣ сигорро баробар мешавад, пас:**

**2қуттӣ х 3сомонӣ = 6 сомонӣ дар як рӯз.**

**6сомонӣ х 30рӯз = 180 сомонӣ дар як моҳ.**

**180сомонӣ х 12моҳ = 2160 сомонӣ дар як сол.**

**2160сомонӣ х 10сол = 21600 сомонӣ дар 10 сол.**

Хонандаи гиромӣ ва боандешаам худ бубин ва андеша намо, ки чи қадар маблағи калоне сарфи ин вабои аср ва заҳри қотил  мегардад. Албатта, ин ҳисоби мо танҳо барои муаян кардани қимати як қуттӣ сигори оддӣ ва арзон, ки дар як рӯз танҳо 2 қуттӣ тахмин задем, мебошад ва агар сигори қиммат ва адади қуттӣ зиёд шавад, пас исроф ва ё тибқи шаҳодати Қуръони карим «табзир» ба маротиб боло меравад .

**Зарари дигари сигор исрофи беҳудаи вақти қиммати шумост, ки агар барои кашидани як сигор 5 дақиқа вақти шумо сарф гардад, пас:**
**40дона х 5дақиқа = 200 дақиқа барои ду қутти сигор, ки 3 соат ва 20 дақиқаро дар бар мегирад ва 3с,20 д х 30 рӯз = 96 соат дар як моҳ , яъне 4 рӯзи пурраи умри азиз дар як моҳ масруфи сигоркашӣ мегардад ва 4рӯз х 12моҳ = 48 рӯз ва 48 рӯз х 10сол = 480 рӯз мешавад, ки дар 10 соли умр бародар ва хоҳари азизи сигоркаши мо 1сол ва 3 моҳу 25 рӯзи ҳаёташро масруфи он кардааст.**

Пас, шахси сигоркаш дар маъсияти Худо қарор дошта, пул ва молашро дар чизи барои ҷисмаш ва ҷомеа зараррасон сарф карда ва инчунин вақти қиммати умри азизро, ки ганҷи бебозгашт ва бебаҳост, беҳуда талаф дода ва мақоли « Бе дарди саре нишаста будам, пул додаму дарди сар харидам» гуфтаи халқро ба ёд меорад, ки бидуни ҳеҷ шакку тардид чунон аст.

## Далелҳои шаръӣ барои ҳаром будани сигор .

Баъзе аз мо чунин фикр мекунем ва ё мепиндорем, ки чун насси сареҳ ва далелҳои ошкор аз оёти Қуръони карим ва аҳодиси набавӣ дар мавриди ҳукми сигор мавҷуд нест, шояд истеъмол кардан ё накардани он як масъалаи оддӣ бошад.

Дар ин маврид ҷавоби маҷмааи уламои муъосири шаръӣ чунин омадааст: Аз муқаррароти шаръ он аст, ки бар замми бо далелҳои қатъӣ ҳаромкардаҳои Қуръону

Суннат, боз ҳар чизе, ки дар таҳти қавоид ва усули муаяннамудаи уламои фиқҳ қарор гирад, ҳамон ҳукмро дорад. Аз ин хотир шаръ қавоид ва усулеро муқаррар намудааст, ки уламои уммат бо риояи он усул ва қавоид тибқи муқаррароти шаръ ҳукм менамоянд. Кифоя аст ин ҷо ду аслеро, ки шаръ баён намуда ва дар зимни он ду ҳар чизи ба онҳо иртибот доштаро дар ҳукми онҳо қарор додааст, баён кунем, ки он ду асл «ал-Хабис» (палидӣ) ва «аз-Зорр»(зарароварр) мебошанд Чуноне, ки уламои дин дар ҳукми ҳаром будани маводи ҳашиш (банг) ва маводи нашъаовар ва ҳар маводи дигаре, ки ба маводи мухаддир иртибот дорад ва масткунанда аст, иттифоқ намудаанд, дар ҳоле ки насси ошкоро дар ин маврид вуҷуд надорад ва дар оғози зуҳури ислом ва то риҳлати Расули акрам(с) ҳукми ин мавод вуҷуд надошт ва уламои уммат тибқи муқаррароти муаяннамудаи шаръ, онро ҳаром ҳукм намуданд ва дар ҳоли ҳозир он ҳукм мавриди иҷро аст.
Дар мавриди маводи нашъаовар шояд ин ҷо саволе пайдо гардад, ки ҳукми ин мавод тибқи ҳадиси «**Ҳар масткунандае ҳаром аст**» қарор дорад? Ҷавоб ин аст, ки чун ин ҷо зимни ин ҳадис сароҳатан аз онҳо ном бурда нашудааст, маҷмааи уламо онро тибқи ду асли дар боло зикр гардида ва қиёс ба ин ҳадис ҳаром ҳукм намудаанд.
Дар мавриди ин гуна масоили фиқҳӣ ибораи зарифе аз Имом Нававӣ омадааст, ки мегӯяд: «**Ҳар чизе, ки зараровар аст ба монанди шиша,санг ва заҳр, хӯрдани он ҳаром аст. Аммо ҳар чизе, ки тоҳир ва**

**пок аст ва зараре дар хӯрдан ва ошомидани он вуҷуд надорад, ҳалол аст.»**

Уламои усул ва фуқаҳои динӣ барои он ки зарар ва зиёне домангири мо нашавад, муқарраротеро муъаян намудаанд, ки муроот ва риоя кардани онҳо воҷиб аст.

**Он муқаррарот аз панҷ чиз иборатанд: 1. Дин. 2. Нафс (ҷисм ва ё бадан). 3. Ақл. 4. Насл. 5. Мол.**

Сигор бошад ҳар панҷ муқаррароти муаяннамудаи уламои усул ва фуқаҳои диниро поймол мекунад.

1. Сигоркашӣ дар дин таъсири манфӣ дорад. Шахси сигорӣ эҳтимоли ботил кардани рӯзаи моҳи рамазонашро дорад, чун одат кардааст, ки дар ҳар чанд лаҳза оташи сигорашро равшан карда ва бо фурӯ бурдани дуди он асабашро ором намояд.
2. Сигор ба саломатии инсон зарар мерасонад, ки ба ҳамагон маълум аст.
3. Сигор сабаби зиёд гаштани моводи никотин дар мағз шуда, бо карахт кардани он, ба ақл таъсири манфӣ мерасонад.
4. Сигор ҳам аз тариқи саломатӣ ва ҳам аз тариқи ахлоқӣ, сабаби зараррасонӣ ба насли инсон мебошад.
5. Инчунин, сигор сабаби беҳуда харҷ кардани моли ҳангуфте (бисёре) мебошад, ки дар боло зикри он рафт.

Таҳқиқ ва баррасиҳои тибби муосир ва пешрафтаи ҷаҳонӣ муаян намудааст, ки сигор барои саломатии инсон хатари ҷиддӣ дошта ва тарки он зарурӣ мебошад. Инчунин баён намудаанд, ки зарари он фаврӣ набуда балкӣ ба сурати тадриҷӣ ба инсон асар менамояд. **Уламои шаръ тибқи ин ташхис ва баррасии**

**табибон, дар мавриди зарари тадриҷии сигор чунин ҳукмеро содир намудаанд: Зарари тадриҷӣ низ, ҳукмаш ба монанди зарари фаврӣ буда ва он дар умум ҳаром шумурда мешавад, зеро заҳре ки оҳиста ва ба тадриҷ кушанда аст, ҳукмаш ба монанди ҳукми заҳре аст, ки фавран ва дарҳол инсонро мекушад.**

Пас, сигор дар шариъат тибқи ташхиси табибон, ки зарари онро мушахас кардаанд, ҳамун зарари заҳр аст ва натиҷаи заҳрхурӣ марг аст, пас истеъмоли он ҳаром аст.

Чун мо аз нигоҳи шаръӣ мехоҳем ҳукми сигорро мавриди баррасӣ қарор бидиҳем, мебинем ки марказҳои тибби ҷаҳонӣ зарари онро муаян намуда ва онро барои саломатии инсонҳо ва ҷомеа хатарзо талаққӣ намудаанд. Пас, тибқи усулҳое, ки дар боло зикр гардид ҳукми шаръ дар мавриди сигор муаян аст, чунки хайре дар он нест, балки шар(р) ва бадбахтӣ меорад. Бинобар ин ҳукми макрӯҳи танзиҳӣ аз он дур мешавад ва ҳукми макрӯҳи таҳримӣ ва ҳаром боқӣ мемонад, пас чӣ он макрӯҳи таҳримӣ бошад ва чӣ ҳаром ҳар ду дар як колбуд (қолиб) қарор доранд. Хулосаи шаръи муъосир дар мавриди ин масъала ҳамин аст. Умедаст ҳамаи ин далел ва бурҳонҳои овардашударо бо чашми хирад бингарем ва аз ақли салим кор гирифта онҳоро бипазирем, то на ҷони ширини худро дар хатари марг гузорем ва на пули ба заҳмат андухтаамонро барҳадар диҳем ва на шахси дар атроф бударо зараррасон бошем.

Акнун мехоҳам ба Қуръон ва Суннат саре бизанем, то бубинем, ки онҳо дар ин маврид чӣ мегӯянд.

Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло дар ин замина мефармояд:

**«Чизҳои покизаро бар онҳо ҳалол мекунад ва чизҳои нопокро ҳаром ва бори гаронашонро аз дӯшашон бар медорад.» (Сураи Аъроф, ояти 157)**

**«Хештанро ба дасти хеш ба ҳалокат маяндозед.»**
**(Сураи Бақара, ояти 195**

**«Худатонро макушед. Ҳар ойина Худо ба шумо меҳрубон аст». (Сураи Нисо, ояти 29)**

**«Ва ҳеҷгоҳ исрофкорӣ макун.»**
**(Сураи Исро, ояти 26)**

Пас бо шаҳодати оёти қуръонӣ кашидани сигор дар ҳукми табзир ва исрофи мол ва худро ба ҳалокат расонидан қарор дорад ва инчунин зарар ба ҷомеъа ва муҳит мебошад.

Акнун меравем суроғи сарчашмаи дуюми шариъат, Суннат, ки дар он дар хусуси гирифторони ин беморӣ чӣ омадааст.

Дар ҳадисе бо ривояти Имом Аҳмад ва Ибни Моҷа аз Расулуллоҳ (с) омадааст:

***« Ло зарара ва ло зирора фил - ислом»***

***Дар Ислом зараррасонӣ нест.***

Аз мазмуни ин ҳадис бармеояд, ки дини ислом тамоми навъи зараррасониро, хоҳ бар ҷисму ҷон ва муҳиту атрофиён бошад, манъ кардааст.

Дар ҳадиси дигаре ба ривояти Имом Аҳмад ваТабаронӣ аз Расули Худо чунин омадааст:

***«Шахсе зарар мерасонад мусалмонеро, ба таҳқиқ, маро зарар расонидааст ва касе маро зарар расонад, ба таҳқиқ, Худовандро зарар расонидааст.»***

Дар мавриди сигор хулосаи муҳаддисин чунин аст:

Дуд ва бӯйи ғализи сигор ҳамсоя ва шахсони дар атрофи сигоркаш қарор дошта, намозгӯзорон ва малоикаҳои кироман котибинро (малоикаҳое, ки ҳамеша бо инсон ҳамроҳанд ва амали баду неки ӯро менависанд) зарар мерасонад.

Аз мазмун ва хулосаи ин ду ҳадис чунин фаҳмидан мумкин аст, ки ба сурати умумӣ сигор ҳаром буда ва фақат шахси саркаш ва ноогоҳ ин ҳукмро қабул надорад.

Ин ҷо мехоҳам ба он бародар ва хоҳари сигоркаш хитоб намуда бигӯям: Эй бародар ва хоҳари арҷманде, ки ба ин бало ва мусибат гирифтор гаштаӣ, оё бештар аз ин ҳам далел ва ҳуҷҷати дигаре мехоҳӣ ва бояд инро ҳам бидонӣ, ки сигоркашӣ ва одатҳои бад доштан ва ба амалҳои нописнду нораво даст задан шоистаи ҷавони мусалмони тоҷик нест. Пас аз он ки оятҳои қуръонӣ, ҳадисҳои Расули акрам, далелҳои ақлонӣ, таҳлил ва баррасиҳои моддӣ ва маънавӣ, тиббӣ ва зарарҳои равонӣ ва иқтисодиро шунидӣ, оё боз ҳам ба ин маразы

муҳлик **-вабои аср-** ва ин амали бо фарҳанг ва тамаддуни мо тоҷикон созгор набуда, даст хоҳӣ зад ва онро идома хоҳӣ дод? Ман боварии комил дорам, ки инсони солим вақте қасд ва азми тарки амалу одатеро, ки барояш зараровар аст, намуд ва дар мавриди оқибатҳои нохуши он фикру андеша кард, ҳатман, ба он дубора нахоҳад баргашт. Ман имони комил дорам, ки аз ҳамин соат сар карда дигар ба он даст нахоҳӣ бурд. Медонам, ки ин кор дар лаҳзаҳои аввал барояτ хеле сахт ва мушкил аст, вале пас аз сипарӣ кардани чанд марҳилаҳои на чандон тӯлонӣ ва сабру истиқомат варзидан дар ин қасди интихобкардаат, чун бо ёрӣ ва кӯмакҳои худовандӣ аз ин амалкарди носавоб ва вабои муҳлик наҷот пайдо кардӣ , худро хушбахт меҳисобӣ ва саломатиатро хуб ҳис хоҳӣ кард. Чунки дигар аз хирроси тангии нафас ва нотавонии дар роҳрафтан ва сурфаҳои гӯшхарошат дар назди атрофиён ва фарзандонат, ки ҳамагӣ аз ин амалкарди ту дар изтироб буданд, вале коре аз дасташон намеомад, хиҷолат намекашӣ. Бародар ва хоҳари гиромии сигорӣ, охир ту бояд дар назди аҳли хонавода, фарзандон ва атрофиёнат як шахсияти дар одобу ахлоқ ва рафтору гуфтор намунаи ибрат бошӣ?

Оё ин фикр ва андешаи ғалатеро, ки гӯё сигоркашӣ намунаи мардонагӣ ва пешрафта буданро мефаҳмонад, чуноне ки баъзеҳо чунин пиндошта ва худро асири он карда ва ба ин амал одат кунонидаанд, ҳанӯз ҳам бовар дорӣ? На, савганд ба Худо ин фикр ғалати маҳз ва дар ҳақиқат баръакс аст. Ин амал дар маҳзари Худо ҷуз

гуноҳ ва зиёну зараре беш нест. Шумо агар қасди росих ва яқини комил ба худ дошта бошед, ҳатман, метавонед худро аз ин амал бираҳонед ва албатта, ин ба суди шумо хоҳад буд.

Бародар ва хоҳари сигоркаш!

Худованд инсонро барои он офарида, ки холиқ ва офаридагорашро итоаткор бошад ва Ӯро барои неъматҳои бешумор ва бебаҳояш шукргузорӣ кунад. Ӯро ҳамеша ва дар ҳар ҳол, дар ҳоли пинҳону ошкор, дар фарохдастию тангдастӣ, дар ҳоли хушию мусибат ва дар ҳоли ранҷурию саломатӣ дар ёд дошта ва ҳамеша Ӯро ҳозиру нозир бидонад. Яқини комил дошта бошад, ки Худованд бандагонашро ба чизе амр кардааст, ки дар он комёбӣ ва наҷоти инсонҳост ва чизеро барояшон ҳалол гардонидааст, ки ба нафъи онҳост ва аз чизе манъашон кардааст, ки бар зарарашон мебошад. Масалан, чун шахси ихтироъкор чизи ихтироъкардаашро хубтару беҳтар мешиносад ва барои истифодабаранда дастур ва роҳнамоиҳоеро пешбарӣ менамояд, ки тибқи нишондодҳои он амал шавад ва дар сурати хилофи он дастурот амал кардан, он чиз ба зудӣ аз кор баромада корношоям мегардад. Инчунин Худои меҳрубон офаридгор, халқкунанда ва ба вуҷудоварандаи замину осмонҳо ва тамоми махлуқоту мавҷудот мебошад ва Ӯ(ҷ) беҳтар медонад, ки бароямон кадом чиз нафъ ва кадом чиз зарар дорад, аз ҳамин ҷиҳат аз чизҳо ва амалкардҳое моро манъ кардааст, ки барои худи мо ва барои атрофиён ва барои муҳити зист ва ояндаи коинот музирр ва зараровар мебошанд. Бешак, сигоркашӣ як амали нохуб ва

нописанд буда, дар назди  Худо ва паёмбараш ҳазрати Муҳаммад (с)  амали номақбулу гуноҳ мебошад.

Бародар ва хоҳари гиромӣ, охир шумо масъули мол ва дороии худ ҳастед ва шумо дар маҳкамаи илоҳӣ, ҳатман, пурсида хоҳед шуд, ки ин молро аз куҷо ва аз кадом роҳ(мурод, роҳи ҳалол ва ҳаром) пайдо намуда ва дар куҷо ва барои кадом мақсаду ният масраф намудед.

Шумо масъул аз умратон ҳастед, ки ҳар лаҳза ва соаташро дар куҷо ва дар кадом ҳол гузаронидед. Ва бояд, ки барои  ҷавоби ин суолҳо посухҳои мусбат ва қаноатбахшеро омода карда бошед, чунки дар маҳкамаи илоҳӣ имконияти дигаре, мисли дурӯғ гуфта халос шудан, шиносбозӣ, хешутаборчигӣ, порадиҳӣ, қудратнамоӣ ва дигар воситаҳое, ки дар ҳаёти дунёӣ имконияти истифода аз онҳо ҳаст, вуҷуд надорад.

Бародар ва хоҳари сигорӣ, тавсияи ман барои шумо ин аст, ки:

Пеш аз беморшавӣ саломатиро ва пеш аз пирӣ ҷавониро ва пеш аз камбағалӣ сарватмандиро ва пеш аз марг ҳаётро ғанимат шуморӣ, чаро ки инҳо хайрхоҳӣ ва насиҳатҳои пешвоямон ҳазрати Муҳаммад (с) барои ҳамагон аст.

Ва дигар ин ки чун мардумон бо дастмузди аз роҳи ҳалол касб намудаашон моли ҳалол ва мавриди ниёзи худ ва хонаводаашонро харидорӣ мекунанд ва ба нафъашон истифода мебаранд, хушҳол мегарданд. Шумо бошед пули бо арақи ҷабин касб кардаатонро дар як чизи зараровари мисли сигор масраф менамоед, ки

ҳам худатон ва ҳам дигарҳо аз он ранҷ мебаранд. Худатон ба ин чӣ мегӯед?

Ҳар оина, инсони боҳушу хирад бояд ҷойгоҳи худро дар зиндагӣ муаян намояд, зеро ҳаёт бисёр зудгузар аст агарчӣ дароз ҳам бошад, вале аҷал, ҳатман, омаданист ва ҳар чизи меомадагиро наздик бояд донист, чун дар омаданаш ҳеҷ шакку шубҳае вуҷуд надорад. Пас инро ҳам бояд бидонӣ, ки саломатӣ, ҳаёт, саравату доройӣ ва фарзандон ҳамагӣ аз ҷониби Худованд назди ту амонат гузошта шудаанд ва бояд ҳушёр бошӣ, ки дар онҳо хиёнат ва андозагузарӣ накунӣ, зеро амонатро сиҳҳату солим ва бе каму кост бояд ба соҳибаш баргардонӣ ва ё дар ҷойи муқаррарнамудаи соҳибаш ва ба андозаи муъаянкардааш масраф намоӣ ва дар ҳаққи амонатгузор зиёдаравӣ накунӣ, ки қобили пазириш нест. Бояд, ки ҳамеша ҳушёр бошӣ ва барои он ки гирифтори ғафлат нашавӣ ба Худованд паноҳ барӣ ва аз гуноҳони дидаю дониста ва дар пинҳонию ошкоро кардаат ва ё камбуду хатоҳое, ки ноогоҳона анҷом додаӣ, тавба ва пушаймониатро эълон намоӣ ва миёни худ ва Холиқат аҳду паймони садоқатро устувор дорӣ, ҳамеша ва дар ҳар кор аз Холиқат талаби кӯмак намоӣ, то растагор шавӣ.

Дар ҳадисе аз Расули акрам (с) ба ривояти Имом Аҳмад ва Имом Тирмизӣ, ки санадашро ҳасан ва саҳеҳ гуфтаанд, омадааст :

***«Худованд барои қабули тавба дарвозаеро аз тарафи мағриб қарор додаст, ки дарозиаш чиҳилсола роҳ аст***

***ва он дарвоза харгиз баста намешавад, то он ки офтоб аз тарафи мағриб тулӯъ намояд.»***

Яъне дарвозаи тавба ҳанӯз боз аст. Яке аз аломатҳои куброи қиёмат тулӯъи офтоб аз мағриб аст. Худованд то расидни он рӯз тавбаи бандагонашро қабул хоҳад кард ва бояд инро ҳам бидонӣ, ки барои ҳар нафар марг ин нишонаи саршавии қиёматаш аст. Пас ҳанӯз, ки марг домангират нагаштааст биштоб ва фурсат ғанимат шумор, ки вакт кӯтоҳ, орзӯҳо дар дил, аҷал дар роҳ ва дарвозаи қабули тавба боз аст. Ба ростӣ, чӣ фурсати муносибе барои маҳви гуноҳон.

Бародари гиромӣ, агар воқеан аз сидқ тарки кашидани сигорро дошта бошӣ, бояд ба як қарор ва қасди ниҳоӣ бирасӣ ва дар он таъхир нанамоӣ ва худро дар вартаи хаёлҳои дурӯғин, ки баъдтар онро бас хоҳам кард, қарор надиҳӣ. Зеро шахсе ки қасди бас кардани сигорро дорад, бояд дорои ирода ва ихтиёри қавӣ бошад ва қасди кардаашро ба таъхир наандозад, ки комёб нахоҳад шуд.

Ирода ва қасди мустаҳкам ва устуворӣ калиди пирӯзӣ аст. Танҳо касоне дар қавлашон устувор буда метавонанд, ки иродаашон мустаҳкам бошад. Агар пас аз тарки ин одати шум, аз фироқаш бароят мушкиле пеш омад, боз ҳам устувор бош, зеро мардони қавиирода аз кӯҳ устувортар ва аз санг бурдбортар мебошанд, чуноне ки гуфтаанд:

***Пеши кӯшиш кӯҳи оҳан бо мисоли сӯзан аст,***
***Танбалонро сӯзане монанди кӯҳи оҳан аст.***

Ба ростӣ, шеъре ки дар боло зикр гардид дар ҳаёт калиди сирри комёбии ман бар ҳама мушкилиҳо аст. Ҳар гоҳ ман қасди кореро, ки анҷомаш бароям душвор намояд дошта бошам, ин шеърро як бор мехонам ва бо иродаи комил корамро шурӯъ мекунам ва бо ёрӣ ва кӯмаки Худованд ба анҷомаш муваффақ мегардам. Боварии комил дорам, агар собитқадам ва устувор бошед, дар коратон комёб хоҳед шуд. Пас аз тарки ин амали шум, кӯшиш кунед дигар дар маҳфилҳои сигоркашон нанишинед, сабру истиқомат варзед, иншоаллоҳ комёбу муваффақ хоҳед шуд.

**Ҷавоби далеловарии баъзе аз ашхоси сигорӣ.**

Шояд баъзе аз хоҳарон ва бародарони сигоркаш даъво доранд, ки солҳост сигор мекашанд ва зарареро ҳис накардаанд.

Ман ба онҳо мегӯям, ки агар зарари ҷисмониатонро ҳанӯз ҳис накрдаед, ҳатман, зарари молиятонро ҳис кардаед. Зарари динӣ, ахлоқӣ, ҷомеъа , муҳит ва атрофиёнатонро чӣ? Агар зарари инҳоро ҳанӯз ҳис накардаед, ҳатман, аз рӯи камфикрӣ ва дар ин маврид тааммул накарданатон аст, вале бо вуҷуди ин ҳам дар интизори расидани он зарар бошед, зеро табибон ва истеҳсол кунандагони ин заҳри қотил, худ зараррасон будани онро дар қуттии сигор навиштаанд.

**Баъзе аз муътодон тарки сигорро душвор мегӯянд.**

Барои онҳо чунин мегӯям: Инсон бо қасду иродаи қавӣ метавонад чанд рӯз аз хӯрдану ошомидан боз истад ва чизе нахӯраду нанушад. Пас чӣ гуна, аз чизе ки шуморо на сер месозад ва на қуввате мебахшад, имкони бас кардан надоред?

Бародар ва хоҳари гиромӣ, дар мавриди ин масъала як таваққуф ва тааммули амиқ ва иродаи худи шахс зарурист. Бубин, ки дар оғоз сигорро намедонистӣ ва аз зарар ва фоидааш хабар надоштӣ ва чун дар дастрасӣ ва истифодаи дигарон медидӣ ва мушоҳида мекардӣ, ки сигоркашон чӣ гуна дуди онро бо як шеваи хоси худашон фурӯ бурда ва намоишкорона аз даҳону бинӣ хориҷ мекунанд, онро мояи беғамӣ ва хушгузаронӣ мепиндоштӣ. Чун пасмондаи сигореро меёфтӣ пинҳонӣ аз падару модар ва атрофиён дар танҳоӣ онро дар гиронда дудашро бо як ҳаяҷоне фурӯ мебурдӣ. Ва чун омили ин кор набудӣ ва даҳони поку димоғӣ тозаат бӯйи ғализ ва дуди тези ин заҳрро начашида буд, гулӯгир гашта нафасат тангӣ мекард ва пас аз чанд пайиҳам сурфазаданҳо бо чашмони ашкбор худро тасаллӣ медодӣ, ки чун ҳанӯз омили ин кор нестӣ, барои ҳамин ҳам лаззаташро дарнаёфтаӣ. Бояд ин корро кам-кам анҷом диҳӣ то мисли дигарон битавонӣ лаззати онро дарёбӣ. Пас ба ҳамин сурат худатро ба ин заҳри марговар одат кунонидӣ ва рафта-рафта онро барои худ як амали таркибӣ ва ҷудонашаванда қабул намудӣ.

Бародар ва хоҳари гиромӣ, вақти он расидааст, ки чӣ гунае ки дар аввал, бо вуҷуди мавҷуд будани мушкилиҳо, ба хотири дарёфти лаззати сигор худро ба он одат кунонда мутобиқ кардӣ, акнун ҳамон гуна зарар ва зиёнҳои онро пеши назар биёрӣ ва худро аз ин марази муҳлик раҳоӣ диҳӣ.

## Хитоб ба онҳое ки сигор намекашанд.

Худоро шукр мегӯям, ки шумо ба кашидани сигор мубтало нагаштаед ва ин худ як раҳмати илоҳӣ бар шумост.

Созмони беҳдоштӣ ё тандурустии ҷаҳонӣ дар як гузориши худ гуфтааст: Тақрибан ҳар сол ҳудуди 600 ҳазор одам аз дуди сигори ашхоси сигоркаш мубтало ба бемориҳои гуногуни марговар гардида ҳалок мешаванд, ки онҳо ҳатто як сигор ҳам накашидаанд.

Инро ҳам бояд донист, ки зарари дуди сигор танҳо ба худи шахси сигоркаш набуда, балки ба тамоми шахсоне, ки ба ӯ наздикӣ доранд мерасад. Чуноне ки олимони соҳаи тибби ҷаҳонӣ озмоише гузаронида ба чунин хулоса расидаанд, ки агар шахси сигор намекашидагӣ, дар манзил ва ё ҷойи кор, ҳудуди 4 соат шахсони сигориро ҳамроҳӣ кунад, баробар аст, ки гуё 10 дона сигорро кашидааст. Занҳое, ки кӯдакони хурдсол доранд, ҳатман дар хонаи хоби кӯдак сигор кашиданро манъ намоянд, зеро дуди сигор ба асаб ва шуши тифл зарар мерасонад ва ӯро ба бемориҳои гуногун мубтало мегардонад.

Аз падару модарон ва касоне ки суханашон таъсир дорад хоҳиши онро дорам, ки ҷавонони ноогоҳ ва аз рӯйи ҳавову ҳавас сигормекашидагиро, ки ҳанӯз ба ин мараз муътод нагаштаанд, бо роҳи фаҳмондадиҳии зарари он ва панду насиҳатҳои хайрхоҳона, боз доранд. Агар ҳар шахс тавонад як ҷавони сигориро аз ин амали нописанд ва барои ояндаи миллат зарарнок боз дорад, бисёр хидмати нек ва кори савоберо барои миллаташ анҷом додааст.

**Хитоб ба фурӯшандаи сигор!**

Эй бародар ва хоҳаре, ки сигор мефурӯшӣ ва дар густариш ва вусъат бахшидани ин **вабои аср** кӯмак менамоӣ, чуноне ки дар боло бо далелҳои ақлӣ, мисли таҳқиқот ва озмоишоти донишмандон ва олимони соҳаи тиб ва нишондодҳои Созмони беҳдошти ҷаҳонӣ ва далелҳои нақлӣ, мисли оятҳои Қуръони карим ва ҳадисҳои Расули акрам, ҳукми сигор бароят маълум гашт, пас, аз фурӯши он ҳазар кун.Зеро вақте Худованд чизеро ҳаром кард, пас пули фурӯшаш низ ҳаром аст. Бародар ва хоҳари тоҷир, огоҳ бош, ки Худованд дар касбу кори тиҷоририи ҳалолат ба шумо баракат медиҳад, зеро Расули акрам (с) аз даҳ нӯҳ ҳиссаи ризқро дар касби тиҷорат гуфтаанд. Алҳамдулиллоҳ, ки пешаи хуберо интихоб кардаӣ ва фақат ҳамин, ки кӯшиш намоӣ то аз ҳаром барҳазар бошӣ. Бинобар ин қуттиҳои сигорро дар мағозаат дар қатори дигар ашёи ҳалол ҷой надеҳ, зеро фурӯши ту онро, кӯмак ба истеҳсолкунанда

ва истеъмолкунандаи он башумор рафта ва ту низ дар гуноҳи онҳо шарик ва ҳамдаст ҳисоб мешавӣ. Худованд бандагони муъминашро барои кўмак кардан ба корҳои нек амр намуда ва аз кўмаки корҳои баду носавоб боз доштааст, чуноне ки дар ин маврид дар Қуръони карим, дар ояти 2, сураи Мода мефармояд:

**«Ва дар некўкорӣ ва парҳез ҳамкорӣ намоед, на дар гуноҳу андозагузарӣ. Ва аз Худо битарсед, ки ба сахтӣ уқубат мекунад.»**

Фоида ва суде, ки аз пули сигор ба даст меояд, палид ва нораво буда ва хайре дар он нест. Чуноне ки Расули акрам(с) дар ҳадисе ба ривояти Имом Аҳмад фармудааст:

**«Дохили ҷаннат намегардад гуште, ки аз моли ҳаром нашъу намо ёфтааст ва ҳар ҷисм ва ҷасаде, ки аз моли ҳаром нашъу намо ёфтааст, оташ бар ў авло аст.»**

Инчунин, тибқи ҳадиси ривоятнамудаи Имом Муслим аз Расули акрам (с) ки фармудааст:

«**Худованд покаст ва қабул наменамояд магар аз покон»,** -агар аз моли ҳаром садақа намоӣ қабули даргоҳи илоҳӣ намегардад ва шахсе ки моли ҳаромро мехурад дуъояш қабул намегардад.

Пас, эй бародар ва хоҳари тоҷир имон ва боварияатро ба Худо мустаҳкам намову тарси офаридгори рўзирасонро дар дилат ҷой деҳ ва танҳо ба Ў(ҷ) таваккул дошта бош, зеро ризқи туро танҳо Ў(ҷ) кафил аст.

Чуноне ки Худованд дар сураи «Талоқ» оятҳои 2 ва 3 мефармояд:
**«Ҳар кӣ аз Худо битарсад, барои ӯ дар хусуси берун шудан (аз ҳар мушкилие) роҳе қарор хоҳад дод. Ва аз ҷое, ки гумонашро надорад рӯзияш медиҳад. Ва ҳар кӣ бар Худо таваккул кунад, Худо ӯро кофист. Ҳар оина Худо кори Худро ба иҷро мерасонад.»**

Дар ҳадисе ба ин мазмун аз Расули акрам (с) омадааст, ки шахсе ба хотири дарёфти ризои Худо чизеро тарк намояд, Худованд барои он бандааш чизи беҳтар аз онро медиҳад.

Пас, эй тоҷири гиромӣ, ба Худованд такя кун ва яқини комил дошта бош, ки ҳеҷ гоҳ Худованд ваъдаи кардаашро иваз ва анҷомнашуда нахоҳад гузошт.

Бидон ва огоҳ бош, ки моли ҳалол агарчи кам ҳам бошад беҳтар ва пояндатар аз моли ҳаром аст, агарчи зиёдии он моли ҳаром туро ором нагузорад ва дар назарат ҷилвагар ҳам бошад. Чуноне ки Худои тавоно дар сураи «Моида» ояти 100 ба паёмбараш ҳазрати Муҳаммад(с) хитоб карда фамудаст:
**Бигӯ: «Нопоку пок баробар нест, ҳарчанд фаровонии нопок туро ба ҳайрат афканад». Пас, эй хирадмандон, аз Худо битарсед, бошад, ки растагор шавед!**

Эй бародар ва хоҳари тоҷир, бидон ва огоҳ бош, ки агар шахси сигоркаш гуноҳи сигоркашидан ва зарари аз дуди сигор ба атрофиён расондаашро дошта бошад ҳам, аммо фурӯшандаи ин заҳри қотил, бар душгирандаи

гуноҳи ҳама истифодабарандагони сигорро, ки ба онҳо фурӯхтааст, хоҳад гирифт. Пас бо чашми хирад бингар, ки чӣ қадар инсонҳо аз зарари сигор мемиранд ва чӣ қадар тифлакон, ба сабаби зарари он, маслуқу маълул ба дунё меоянд. Табиати зебо, муҷтамаъ, муҳит ва гирду атрофи шаҳр ва гулгаштҳо бар асари бӯйи ғализ ва боқимондаҳои сигор чӣ зарарҳоеро мутаҳаммил мегарданд ва гуноҳу ҷавобгӯии ин ҳамаро кӣ ба дӯш хоҳад гирифт? Оё туро тоқати ин ҳама гуноҳро ба зимма гирифтан ҳаст? Оё бо он пули ночизе, ки бар ивази ин ҳама харобиҳои овардаат, ба даст меорӣ, ҷубронпазир хоҳӣ шуд? Ҳаргиз не, пас биандеш қабл аз он, ки онро мефурӯшӣ!

Эй бародар ва хоҳари тоҷир, пас кӯшиш намо то аз ҷумлаи онҳое бошӣ, ки бо дилу ҷон амри Парвардигорашонро мепазиранд ва дар корҳояшон ба Ӯ таваккал менамоянд. Ба каму беши ҳалоли бобаракат қаноат доранд ва аз бисёрӣ ва фаровонии нопоку ҳаром безоранд. Туро аз муҳаббати ҳар чизе, мисли молу сарват, зану фарзанд ва мансабу шӯҳрате, ки аз ёди Худо ғофил ва дар динат хатар дорад, барҳазар медорам.

## **Омори мубталоёни сигор дар ҷаҳон**.

Омори афроди мубтало ба сигорро дар ҷаҳон ба 1 миллиарду 200 милион нафар тахмин мезананд. Аз ин миқдор 800 миллион нафари сигориҳо шаҳрвандони кишварҳои ақибмондаи рӯ ба инкишофанд. Дар қарни гузашта, яъне асри10 сол пеш аз имрӯзи мову шумо, ки

аксаран мо онро дирӯз меҳисобем, сигор ё тамоку ҷони **100 миллион нафарро гирифт**. Дар ҳоли ҳозир 94% ҷамъияти ҷаҳон дар коми ин заҳри қотил, чӣ мустақим ва чӣ ғайримустақим, қарор доранд.

Сигор яке аз пурфӯруштарин моли дунё баҳисоб меравад ва ҳар рӯз ба ҳисоби миёна15 миллиард адад ба фурӯш меравад. Масалан агар се кишвари бузурги истеҳсолкунандаи сигори дунёро бингарем, мебинем, ки дар соли 2008, **Чин ду триллион, Амрико аз 400 миллиард зиёдтар**, **Русия** танҳо барои истифодабарандагони дохилии худаш **50 миллиард** сигарет истеҳсол намудааст, ба изофаи сигори қочоқие, ки вориди кишвар шудааст ва аз ин адад ягон қуттӣ экспорт накарда ва ба хориҷ фурӯхта нашудааст.

Бар асоси гузоришҳои Созмони Беҳдошти ҷаҳонӣ **(WHO)**, танҳо дар 10 кишвар, ҳудуди ду сеюми сигориҳои ҷаҳон зиндагӣ мекунанд. Масалан дар Чин - 30%, Ҳинд - 10%, Индонезия, Русия, Амрико, Ҷопон, Бразилия, Бангладеш,Олмон ва Туркия-10% бештар аз дигар кишварҳои масрафкунандаи сигор дар дунё башумор мераванд. Созмони Беҳдошти ҷаҳонӣ (WHO) дар мавриди баъзе аз кишварҳое, ки сигоркашӣ дар ҳоли интишор ва густариш аст, чунин гузориш ва бонги хатар мезанад.

1. **ЧИН**: Дар Чин рӯзона 200 миллион нафар масорифи зиндагии худро дар ҳудуди 1 доллар мегузаронанд, ҳол он ки ҳудуди 300 миллион нафар мард ва ё наздик аз се ду ҳиссаи кулли мардони ин кишвар сигорӣ ҳастанд. Маводи

никотини масрафкунандагони чинӣ дар Чин, метавонад 100 миллион марди чиниро, ки дар ҳоли ҳозир зери 29 сол қарор доранд аз байн барад, ки тақрибан аз нисф зиёди ин мардум дар синни коршоямианд ва ё соҳиби коранд. Истифодаи ин маводи барои саломатӣ хатарнок боиси он мегардад, ки ноновар ё таъминкунандаҳои хонаводаҳои чинӣ, аз асари ин заҳр аз байн бираванд ва ё мубтало ба бемориҳое гарданд, ки дигар хонаводаашонро таъмин карда натавонанд ва ин микдор аҳолӣ ва хонаводаҳо фақир ва бенаво гарданд.

2. **УГАНДА**: Дар Уганда ҳудуди 50% мардон сигорӣ ҳастанд, дар ҳоле ки 80% ҷамъияти ин кишвар рӯзона ба 1 доллар даромад зиндагӣ мекунанд ва нисфи кӯдакони зери 5 сола дучори камбуди маводи ғизоӣ қарор доранд.
3. **КАМБОҶ**: Дар Камбоҷ бошад аз се ду ҳиссаи мардони ин кишвар сигорӣ ҳастанд, дар ҳоле ки нисфи кӯдакони ин кишвар дучори камбуди маводи ғизоӣ ҳастанд.

Агарчи масрафи сигор дар баъзе аз кишварҳои африқоӣ кам аст, вале миёни солҳои 1995 то 2000 - ум масрафкунандагони сигор наздик ба ду саввум афзоиш ёфтааст, омадааст дар баёнияи Созмони Беҳдошти ҷаҳонӣ (WHO).

4. **БАНГЛАДЕШ**: Дар кишвари Бангладеш даромади як хонавода дар як моҳ камтар аз 24 доллар мебошад, дар ҳоле ки нисбат ба

хонаводаҳои даромади боло дошта ду баробар бештар сигор мекашанд.

**5 . Русия**: Аҳолии кулли Русия то якуми марти соли 2009, тақрибан ҳудуди 141 миллиону 867ҳазору 540 нафарро ташкил мекард. Аз ин аҳолии кишвар 37 фоизаш, ки 48 миллион нафар аҳолиро дар бар мегирад, муътод ба сигоранд.Тибқи омори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии он, хонум Татьяна Голыковой, дар соли 2008 шаҳрвандони ин кишвар 423 миллиард сигор кашидаанд. Боз бар ин ақидаанд, ки дар соли баъд шояд ин адад то 1-1,5% афзоиш ёбад. Рӯзона дар Русия тақрибан1000 одам, аз асари сигор ва бемориҳое, ки аз таъсири сигор ба вуҷуд меоянд, мемиранд. Дар умум 25% онҳое, ки сигор мекашанд, фавташон бештар аз онҳое аст, ки сигор намекашанд. Агар ба дарозумрии шаҳрвандони Русия диққат шавад, мушоҳида мегардад, ки 10 -15 сол сигориҳо камтар аз онҳое, ки сигор намекашанд умр доранд. Умри миёнаи мардон дар Русия 59,9 сол ва занҳо 72 солро ташкил менамояд.

Дар Русия онҳое ки ба сигоркашӣ оғоз мекунанд синнашон ба шарҳи зер аст:

10 -11 солаҳо 1%
12 сола 1,4%
13 сола 3.2%
14 сола 7,5%
15 сола 12,5%
16 сола 19,3%
17 сола 30%

Ҳоли ҷавонони зери17соли Русия, ки рӯз то рӯз ба ин беморӣ бештар гирифтор мешаванд ин аст.

6. **Арабистони Саъудӣ**: Дар ин кишвари арабӣ сигор собиқаи на зиёдтар аз 50 сола дорад, вале бо вуҷуди он пешгириҳое, ки ин давлати шоҳигарӣ барои ворид нашудани сигор менамояд, боз ҳам қисмате аз ҷавонони кишвар мубталои ин беморӣ гаштаанд.Саъудиҳо солона 40 ҳазор тон сигор масраф менамоянд, ки он баробар ба 15 миллиард дона сигор буда ҳудудан маблағи 2,2 миллиард долларро дар бар мегирад. Тибқи ҳисоботи Вазорати тандурустии кишвари Саъудӣ 6 миллион аҳолии ин кишвар мубталои бемории сигоркашианд, ки 5 миллиони онро мардон ва 1 миллиони ин ададро занҳо ташкил мекунанд. Ба гузориши Вазорати тандурустии Арабитони Саъудӣ ҳар сол давлати ин кишвар 2,5 милиард доллар сарфи шаҳрвандони гирифтор ба бемориҳои гуногун, ки аз асароти сигор мубтало мегарданд, менамояд. Дар идомаи ин баёнияи Вазорати тандурустии кишвар омадааст, ки аз оғози соли 1961 то соли 2004 ҳукумати ин кишвар 83 миллиард доллар барои мубталоёни бемориҳои аз асари сигор осеб дида харҷ намудааст. Тибқи омори Созмони Беҳдошти ҷаҳонӣ соли 2009 дар кишвари Саъудӣ 21 ҳазор шаҳрванди ин кишвар аз асароти сигор ҷони худро аз даст додаанд. Хонандагони гиромӣ, бубинед, ки ин заҳри марговар, ҳатто ба мулки муқаддаси билоди ҳарам

ҳам расидааст. Аз гирифторӣ ба ин заҳри қотил ба Худованд паноҳ мебарем, ки моро маҳфуз дорад.

**7.Чумҳурии Исломии Эрон**: Дабири ҷамъияти мубориза бо духониёти давлати Эрон гуфтааст, ки дар Эрон 10 миллион мубталоёни сигор ҳастанд, ки рӯзона 4 миллиард туманро сигор мекашанд, яъне тақрибан 4 миллион долларро, ки дар як моҳ 120 миллион доллар ва дар як сол 1 миллиарду 440 миллион доллар мешавад. Дар идомаи сӯҳбаташ ин корманд афзудааст, ки даромади солонаи як ширкати сигори Америка баробари15 сола фурӯши нефти Эрон аст. Тибқи омори дигари ин ниҳод солона ҳазинаи ношӣ аз масрафи сигор дар Эрон рақами хеле вахимеро, ки 400 миллиард туман аст ва баробар ба 40 миллиард доллар мебошад, нишон додааст. Ба иллати истифодаи сигор дар Эрон наздик ба 50 ҳазор шаҳрванди ин кишвар ҳар сол падруди ҳаёт мегӯянд, ки дар баробри аҳолии ин кишвар хеле зиёд аст. Солона масрафи сигор дар ин кишвар ба беш аз 40 миллиард мерасад, ки13 миллиарди он аз истеҳсоли дохилӣ ва 17 миллиарди он аз истеҳсоли воридоти хориҷӣ аст. Ва 10 миллиард ба сурати қочоқӣ ва ғайрирасмӣ вориди ин кишвар мегардад. Агар пули ҳазинаи сигорро дар ин кишвар ҳисоб намоем баробар ба 100 то 180 тонна тилло рост меояд. Дар ҳоли ҳозир ҳукумати Эрон дар як сол аз 600 то 800 кило тилло коркард ва аз захираҳои дохилии худаш истеҳсол менамояд. Тибқи ин омор метавон гуфт, ки арзиши масрафи он маблағе, ки дар ин кишвар харҷи сигор мешавад баробари он аст, ки

ин давлат агар 125 сол тилло истеҳсол намояд, баъд баробари пули як сола масрфи сигор мегардад.

**8. ТУРКИЯ**: Нисфи аз ҷамияти бузургсоли кишвари Туркия сигорӣ ҳастанд. Ҷои тааҷҷуб аст, ки назар ба дигар кишварҳо, дар миёни туркҳо ҷавонони мубтало ба сигор, камтар ба қайд гирифта шудаанд. Одати сигоркашӣ дар ин кишвар, аз асри17 ва замоне, ки туркҳои усмонӣ дар қудрат будаанд, густариш ёфтааст. Ҳолатҳои фавти зиёд миёни афроди сигорӣ, низ ба қайд гирифта шудааст.

Омор ва ҳисоботи баъзе аз давлатҳое, ки ба ин мараз мубталоянд чунин аст:

**Яман-77%, Лубнон -65.8%, Юнон-51%, Индонезия-46%, Украина-37.4, Русия-37%, Мексика-29.4%, Чили-29.9%, Африқои ҷанубӣ-29%, Саъудӣ-22%, Эрон-17.6%, Миср-16%, Афғонистон-13.1%, Покистон-12.4%, Имороти муттаҳидаи Араб -12.8%, Баҳрайн-10.2%, Оммон-7%, Қатар-6.2%, Тоҷикистон -00.00%. Таманнои мо, соли 2012 соли мубориза бо тамоку ё сигор.**

Тибқи иттилоияи Созмони ҷаҳонии тандурустӣ солона аз 300 миллиард долларе, ки даромади ширкатҳои истеҳсолкунандаи сигор дар ҷаҳон аст, фақад 200 миллиарди он суд ё фоидаи холиси ин ширкатҳои содиркунандаи сигор мебошад.

Мехоҳам ин бахшро бо ин маълумоти рекордӣ дар ҷаҳон, ки Созмони ҷаҳонии тандурустӣ хабареро дар Конгреси ҷаҳонии **«ТАМОКУ Ё САЛОМАТӢ»** аз соли

1997 пахш намудааст, иктифо намоям: **«Соли 1997 дар олам 5,3 триллион сигор кашида шудааст».**

Дар рӯйхати кишварҳои рекордии масрафкунандаи сигор, номи 5 давлате, ки дар сархати 10 гонаи аввал ҷой дода шудааст.

**1-ЧИН: 1,7 триллион.**
**2-АМРИКО: 480 миллиард.**
**3-Ҷопон: 316 миллиард.**
**4-Русия: 230 миллиард.**
**5-Индонезия: 199 миллиард.**

## Омори маргу мири сигориҳо дар ҷаҳон.

Имрӯзҳо сигор ба унвони яке аз муҳимтарин омили марги инсонҳо дар ҷаҳон башумор меравад. Мутаассифона, то ҳанӯз натавонистаанд пеши роҳи онро бигиранд.Тибқи омори расмии Созмони беҳдоштии ҷаҳонӣ дар ҷаҳон солона миллионҳо инсон аз ин мараз ба хатари бемориҳои гуногуни марговар дучор мегарданд ва омори ашхоси истеъмол кунандаи сигор то моҳи ноябри соли 2008, ба 1 миллиарду 200 миллион нафар мерасид. Аз ин шумора 800 миллиони онҳо аз мардумони кишварҳои мутааллиқ ба ҳоли тавсиа аст. Дар идомаи ин гузориши Созмони беҳдоштии ҷаҳонӣ омадааст, ки мутаасифона дар кишварҳои ақибмонда ва ғайри қобили рушд, рӯз то рӯз афзоиши теъдоди ҷавонон ва занони ба ин мараз гирифтор мушоҳида мегардад. Солона сигор дар дунё

боиси марги 4 миллиону 800 ҳазор нафар мегардад. Бештари ин маргу мирҳо дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба чашм мехуранд. Табибони донишгоҳи Вашингнтон дар шаҳри Сиётели Амрико тайи як тадқиқоте гуфтаанд: Шахсоне ки дар як рӯз 20 адад сигор мекашанд, дар як ҳафта як рӯз аз умри ширини онҳо кам мешавад. Тахмин зада мешавад, ки агар вазъ чунин идома пайдо кунад, то соли 2030 мелодӣ солона адади мефавтидагон аз ин моддаи заҳрогин ба10 миллион нафар хоҳад расид, ки 70% он аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ мебошад. Тоҷикистони азизи мо, ки дар шумори кишварҳои рӯ ба инкишоф ва тараққӣ аст, бояд бо ҳар василае ҳар чи тезтар пеши роҳи густариши онро бигирем ва насли ояндаи худро солим ва поянда нигоҳ дорем.

**Давлатҳое, ки сигоркаширо дар худ мамнуъ ва ё маҳдуд кардаанд**.

Созмони ҷаҳонии тандурустӣ **(WHO**), дар мавриди эпидемяи ҷаҳонии сигор, дар соли 2008 эълон намудааст, ки бояд ҳамаи кишварҳои ҷаҳон талош намоянд то дар кишварҳояшон аз доманадор шудани сигор ҷилавгирӣ гардад. Дар баёния омадааст, дастандакорони кишварҳоро мебояд хоссатан аз ҷавонон ва қишри навраси худ муҳофизат ба амал оранд то ба ин беморӣ гирифтор нашаванд. Инчунин кишварҳоро лозим аст дар миёни сигориҳои худ

барномаҳои мудово ва кам намудани муътодшавии ба онро роҳандозӣ намоянд.

**Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (WHO) дар гузориши худ аз давлатҳои ҷаҳон хостааст, то ба 6 намуди фаолият дар мавриди маҳдудсозии сигор аҳаммияти хос диҳанд:**

**1. Афзоиши андоз ва арзиши қимати сигор.**

**2. Мамнуияти ташвиқ, реклама ва ҳимояти молӣ аз сигор.**

**3. Ҳимоят аз афроди ғайрисигорӣ дар баробари дуди сигор.**

**4. Огоҳсозии мутašаккилона ва муассири шаҳрвандони худ аз зарарҳои сигор.**

**5. Кӯмаки ҳамаҷониба ба афроди қасди тарки сигор дошта.**

**6. Назорати ҷиддӣ ва шиносоии мавридҳои афзоиш ё кам шавии истифодаи сигор дар дохили кишварҳо**.

Дар поёни гузориши ин созмон омадааст: **Агар кишварҳои ҷаҳон ба ин масъала диққати ҷиддӣ надиҳанд, 80% маргҳои марбут ба истеъмоли сигор, то соли 2030, дар кишварҳои камдаромад ё бо даромади миёна, сурат хоҳад гирифт. Барои ҳамин ҳам ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ додан даркор.**

Доктор Доглос Беччер, мудири барномаи мубориза бо сигори Созмони беҳдошт ва тандурустии ҷаҳонӣ (**WHO**), эълон кард, ки ин созмон тахмин задаст, агар иқдоме дар ин замина аз сӯи ҳукуматҳо анҷом нагирад 5,4 миллион марги дар ҳоли ҳозир иртибот ба сигор

дошта, дар соли 2030 ба 8 миллион ҳолат афзоиш меёбад.

**Ин масъала дар маҷмуъ миёни солҳои 2005 то 2030 ба 175 миллион хоҳад расид,ки ниҳоят дар поёни ин аср ба ҳудуди як миллиард нафар ҷони худро хоҳад дод.**

Пас аз ин эъломияи Созмони беҳдошт ва тандурустии ҷаҳонӣ (**WHO**), мехоҳам бубинем, ки он дар ҷаҳон чӣ қадар мавриди иҷроиши ҳукуматҳои ҷаҳон шудааст.

1. **Арабистони Саъудӣ**: Моҷид Муниф, раиси барномаи зидди сигори Вазорати тандурустии ин кишвар гуфтааст: Давлати Саъудӣ қонунеро барои манъи сигор дар 20 модда қабул кардааст ва дар қисмате аз он омадааст, ки дар ҷойҳои умумӣ кашидани сигор ба куллӣ мамнуъ шудааст ва ҷаримаи шахси қонуншикан аз 53 долар то 5 ҳазору 333 долар муқаррар шуда ва ҳатто, дар хусуси манъи воридшавии сигор ба кишвар чораҳои зарурӣ андешида истодааст.
2. **ТУРКИЯ**: Туркия яке аз давлатҳоест, ки дар он истеъмоли сигор нисбатан зиёд аст, вале ба ин ҳам нигоҳ накарда қонуни манъи сигорро қабул намуданд, ки шомили ҷаримаҳои накдӣ низ мебошад. Агарчи аз тарафи шаҳрвандони сигории ин кишвар, барои қабули ин қонун, интиқод гирифта шудааст, вале он аз тарафи сарвазири кишвар, Раҷаб Тайиб Урдуғон ҳимоя гардид ва ҳатто, сарвазири кишвар мамнуъ шудани сигорро

ончунон муҳим арзёбӣ кард, ки онро ҳамсони мубориза бо терроризм донист.

3. **Ҷумҳурии Исломии Эрон**: Ба унвони саввумин кишваре аст, ки конвенсияи мубориза бар зидди сигорро дар соли 2004 бо ҳадафи муҳофизат аз насли имрӯза ва ояндаи худ, аз таъсироти бади сигор, ба имзо расонидааст. Ва бо судури фармоне мавриди иҷро қарор додани ин қонунро ба тамоми кишвараш эълон доштааст, ки сигор дар тамоми маконҳои ҷамъиятӣ, аз қабили ҷойҳои муққаддас, кинотеатрҳо, фурӯдгоҳҳо, марказҳои фароғатии умумӣ ва варзишгоҳҳо манъ мебошад. Инчунин таблиғ ва рекламаи моводи сигорӣ, низ қатъиян мамнуъ аст. Вале коршиносон мегӯянд, ки аз тарафи шаҳрвандони ин кишвар, дар мавриди иҷро ва амалӣ намудани ин қонун, ҳанӯз ҳам кӯтоҳиҳое сурат мегирад.
4. **Австралия**: Дар ин кишвар сигоркашӣ дар тамоми фурӯдгоҳҳо, корхонаҳои давлатӣ, муассисаҳои табобатӣ ва коргоҳҳои умумӣ, тарабхонаҳо ва фурӯшгоҳҳо мамнуъ аст. Инчунин дар бисёре аз штатҳои ин кишвар ҷойҳои бе дуди сигор вуҷуд дорад, ки дар он мавзеъҳо сигор ва дуди он, тамоман манъ мебошад. Дар шаҳри Сиднее сигор ба куллӣ мамнӯъ аст, ҳамчунин дар машҳуртарин истироҳатгоҳҳои соҳилии он, дар Бондӣ ва Мэнлӣ истеъмоли сигор қатъиян мамнӯъ карда шудааст.
5. **Бутан**: Дар ин кишвар фурӯши моводи тамоку қатъиян манъ шуда аст. Инчунин дар тамоми

ҳудуди шоҳигарии Ҳимолой ва Бутан ин ҳукм ҷорист. Коршиносон мегӯянд, дар ҷаҳон ин ягона кишварест, ки чунин қонунро дар тамоми кишвараш ҷорӣ намудааст. Ин як иқдоми ҳукумати кишвар буд, ки тавонист онро ба иҷро дарорад ва дар ояндаи наздик ягона миллате ба шумор хоҳад рафт, ки сигор истеъмол намекунанд. Дар ҳоле, ки миллати аз ҳама бештар сигористеъмол кунандаи ҷаҳон маҳсуб меёфт ва тамоку низ парвариш менамуд. Мардуми ин кишвар, дар ояндаи наздик, шояд беҳтарин натиҷаро соҳиб шаванд ва солимтарин наслро ба воя расонанд.

6. **Канада**: Ин кишварро дар ҷаҳон пасттарин истеъмолкунандаи сигор меҳисобанд.Тибқи гузоришҳои ҳукумати ин кишвар дар соли 2002 ҳамагӣ 21% аҳолии аз 15 сола ба болои худро истеъмол кунандаи сигор нишон додааст. Коршиносон мегӯянд: Ҳукумати ин кишвар тавонистааст муборизаро бар зидди истеъмолкунандагони сигор хуб ба роҳ монад ва аз роҳҳои фаҳмондадиҳии зарарҳои сигор теъдоди мубталоёни ин маразро якчанд маротиба камтар намояд ва шаҳрвандони кишварашро эмин ва солим нигоҳ дорад.
7. **Чин:** Дар ин кишваре, ки аз ҳар 3 сигарети дар дунё ба масраф расида 25% онро дар Чин мекашанд, ҳукумати ин кишвар дар моҳи майи соли 2008 дар омодагии олимпиадае, ки дар шаҳри Пекини он кишвар гузашт, ҳукми мамнуъияти сигорро, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, оммавӣ ва биноҳои

калон, содир намуд, ки он танҳо барои қабул ва истиқболи меҳмонон буд. Ин иқдоми ҳукумат бар зидди 300 миллион сигорӣ як чизи ғайриоддӣ ва бесобиқа буд ва он то ба ҳол мавриди иҷро ҳаст.

8. **Куба**: Дар ин кишвар дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва оммавӣ, дар нақлиётҳои мусофиркашии умумӣ, фурӯшгоҳҳо ва дигар биноҳое, ки сарпушидаанд сигоркашӣ мамнуъ аст. Аз 7-уми феврали соли 2005 ҳукумати ин кишвар ба иҷро даромадани ин қонунро пурзӯр намуд то саломатии шаҳрвандонашро ҳифз намояд. Коршиносони ин соҳа мегӯянд, тақрибан 30% беморихҳои марговари саратон, ки ба истеъмоли сигор иртибот дорад, дар байни ин мардум бисёр мунташир будааст. Пешво ва роҳбари маъруфи кубоиҳо Фидел Кастро, ки худ сигорӣ буд, соли 1986 аз истеъмоли он даст кашид ва аз асароти заҳрогини таъсири он аз дунё гузашт.
9. **Эстония**: Ин кишвар пас аз он ки узви кишварҳои аврупоӣ гашт, аз 5-уми июни соли 2007 сар карда, дар ҳама ҷойҳои иҷтимоӣ, барҳо, тарабхонаҳо, роҳҳои зеризаминӣ, истгоҳҳо ва ҳама биноҳои сарпӯшдор, қонуни манъи сигорро қабул намуд. Инчунин шахси мухолифи қонуни манъи сигор амалкунандаро 80 евро ҷарима муаян кард ва ҷаримаи соҳиби корхона ва ҷойҳои оммавиро то 2000 евро муқаррар намуд.
10. **Фаронса:** Кишвари Фаронса дар мавриди қонуни манъи сигор иқдомҳои лозимаро мавриди

иҷро гузошта истодааст ва то ҷое ҳам ба он муваффақ шудааст.

Аввалин иқдомоти ҳукумати кишвар дар ин маврид содир намудани ҳукми мамнуъияти сигоркашӣ дар ҷойҳои корӣ, оммавӣ ва ҷамъиятӣ мебошад. Ин қонун аз 1 феврали 2007 то 2008 мавриди иҷро қарор дошт, аммо ҳукумати кишвар, аз 2008 сар карда қаҳвахонаҳо, тарабхонаҳо, барҳо ва майкадаҳоро низ, бо судури як фармоне шомили ин ҳукм гардонид ва таи як фармони дигар арзиши сигорро 20% боло бурд. Ин иқдоми ҳукумат валвалаеро дар кишвар ба по кард ва сабаб гардид, ки бисёре аз фурӯшандагон ва истеҳсол кунандагони тамоку касод гаштанд, ҳатто истеъмолкунандагони сигор дар баъзе ҳолатҳо барои дарёфт ва харидории сигор берун аз Фаронса мерафтанд. Вазорати тандурустии кишвар ин иқдоми ҳукуматро таҳсин кард, агарчӣ шаҳрвандони сигории кишвар нохуш гаштанд. Пеш аз шаби соли нави 2008 ҳукумати кишвар қонунеро ба тасвиб расонид, ки тибқи он шахси қонуншиканро ба маблағи 450 евро ҷарима муқаррар намуд ва барои соҳибони ҷойҳои ҷамъиятӣ, дар сурати риоя нагаштани қонун ҷарима 750 евро муқаррар шуд.

11. **Олмон**. Дар шаҳри Берлин дар оғози соли 2008 ҳукумат ҳукми мамнуъияти сигоркашидан дар тарабхона ва майкадаҳояшро содир намуд ва иҷрои ин қонунро то шаш моҳ муқаррар кард. Аммо соҳибони ин ҷойҳо, аз сабаби кам шудани

даромад дар ин коргоҳҳо, мухолифат нишон дода ва иҷрои ин қонунро барвақттар хонданд ва гуфтанд, ки ин қонуни миллигароёна, ҳанӯз солҳо қабл аз тарафи Адолф Гтлер низ, сурат гирифта буд. Ҳукумат пас аз ин, барои истифодабарандагони сигор ҷойҳои махсуси сигоркаширо ҷудо намуд то дар ҷойҳои оммавӣ мардумро заҳрогин накунанд.

12. **Ирланд**: Ҳукумати кишвар мубориазаи беамонро бар зидди истеъмоли сигор оғоз намуд ва дар моҳи марти соли 2004 сигорро дар майкадаҳо, тарабхонаҳо ва умуман ҳар бинои сарбаста ва ҷойҳои корӣ мамнӯъ эълон намуд. Ҳар касе дар иҷрои ин қонун мухолифат намояд ба маблағи 3000 евро ҷарима мешавд. Иҷроиши ин қонун сабаби он гардид, ки теъдоди масрафкунандагони сигор дар кишвар 6% кам шавад.

13. **Итолиё**: Иҷрои ин қонунро ҳукумати кишвар аз 10 январи 2005 оғоз бахшид ва эълон намуд, ки истеъмоли сигор дар ҳама ҷойҳои ҷамъиятию фароғатӣ, аз ҷумла майхона,тарабхона ва шабчароғҳои ин кишвар мамнуъ аст. Ҷаримаи шахси сигоркаш 275 евро ва аммо соҳибони маҳаллеро, ки дар он мухолифони ин қонун пайдо шаванд ҷаримаи 2000 евро интизор аст. Соҳибони маҳалҳо, ҳарчанд даъво пеш овардаанд, ки сигоркашӣ одати деринаи мардуми Итолиё аст, аммо суде барояшон набахшид ва қонун дар ин

қаламрав ҳамчунон побарҷост. Фурӯшандагони сигори кишвар эълон намудаанд, ки пас аз руикор омадани ин қонун, фурӯши маҳсулоташон 20% паст рафтааст.

14. **Нидераландя**: Ин кишвари аврупоӣ дорои 16 миллион шаҳрванди сигорӣ аст, ки 30% умуми аҳолии кишварро дарбар мегирад. Ҳукумати ин кишвар шадидтарин навъи қонунро дар баробари истеъмолкунандагони сигор қабул намуд, ки дар он омадааст: Истифодаи сигор дар тамоми маконҳои ҷамъиятӣ, истгоҳҳо, қаторахо, ҳоҷатхонаҳои умумӣ, дафтарҳои корӣ ва идораҳо ба таври умум, инчунин дар ҳамаи меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва ҳатто дар иншоотҳои сарбастаи худи шаҳрвандоне, ки ҳамроҳашон ғайрисигориҳо ҳастанд мамнуъ аст. Дар Аврупо, барои кам кардани адади шаҳрвандони сигорӣ, ин сахттарин қонуне буд, ки қабул ва мавриди иҷро қарор гирифт.

15. **Ҳиндустон**: Кишвари Ҳиндустон ҳам мисли дигар кишварҳо ҳукми мамнуъияти истифодаи сигорро, дар моҳи октябри соли 2008, дар миёни аҳолии беш аз миллиарднафарааш эълон намуд.Ҷаримаи хилофкунандагони ин ҳукм 200 рупияи кишвар, ки баробар ба 4,5 доллар аст, муқаррар карда шудааст. Инчунин бар замми мамнуъияти кашидани сигор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, таблиғот ва фурӯши он ба кӯдакон низ манъ мебошад. Бояд қайд намоям, ки бинобар гузоришоти расмии ҳукумати ин кишвар, дар соли

1996 ҳудуди 112 миллион мубталоёни ин мараз ба қайд гирифта шудааст ва солона 900 ҳазор шаҳрванди ин кишвар аз асароти сигор мемиранд. Дар кишвари Ҳиндустон шумори қурбониёни ин вaборо то соли 2010 ба 1 миллион нафар тахмин мезананд. Дар ин кишвар 96 миллион шаҳрванди он, ба ҷои сигор маводи сурхеро, ки номашро «Пам» мегӯянд, мисли нос аз тамоку таёр ва зери лаб истифода мебаранд. Инчунин ҳар сол тақрибан ҳудуди садҳо ҳазор шаҳрванди ин кишвар, ки аслан сигор намекашанд, аз дуди сигори шахсони сигорӣ мемиранд.

16. Бар замми кишварҳои дар боло номбаршуда ин кишварҳо низ қонуни манъи сигорро дар сарзаминҳои худ қабул кардаанд ва он мавриди иҷрост:

**Литва –Черногория – Норвегия – Португалия – Испаниё – Швеция – Великобритания – Кения – Сингопур –Танзания – Амрико – Венесуэла – Норвегия - Кипр ва** дигарҳо.

Намехоҳам мақолаи худро аз ин ҳам бузургҳаҷмтар намуда рӯйхати кишварҳо ва миллатҳоеро, ки зарар ва зиёни ин заҳри ҳалоҳилро (ҳалокатоварро) ҳис намуда, бо дарки масъулият дар баробари наслҳояшон, қонуни манъи истифодаи сигорро қабул намудаанд, боз ҳам тӯлонитар кунам ва фикр мекунам ин намунаҳо кофӣ бошад. Умеди онро дорам, ки шояд дар кишвари азизи мо ҳам қонуне дар ин маврид қабул шавад то миллати мо аз ин заҳри қотил дар

амон бошад ва насли ояндаи мо солим ба воя расад.

## Чанд раҳнамуд ва пешниҳоди муфид ба ҳукумати кишвар перомуни пешгирӣ аз оқибатҳои ин вабои аср.

Ҳукумати кишвари азизамон бо дарки ин масъулияти азим дар баробари наслҳои оянда, имконият дорад аз роҳу усулҳои гуногун истифода карда,бар зидди ин заҳри қотил ва вабои аср мубориза беамон барад ва миллати азизамонро аз оқибатҳои шуми он наҷот бахшад. Аз ҷумлаи он роҳу усулҳо метавон инҳоро ном бурд:

- Бо истифода аз маълумотномаҳои Вазорати тандурустии кишвар дар мавриди зарар ва зиёнҳои сигор, ташкил намудани овезаҳо ва аз тариқи насби онҳо дар ҷойҳои назарраси умум, мисли ҷоддаҳо, биноҳои ба роҳҳо наздик, муассисаҳои таълимӣ, мактабҳо, донишгоҳҳо, боғҳои фароғатӣ, коххо ва кинотеатрҳои фарҳангӣ-ҳунарӣ, корхонаҳо ва дигар ҷойҳои иҷтимоии бештари мардум. Инчунин пахши рекламаҳо ва таблиғот, дар мавриди зарар ва зиёни сигор, аз тариқи васоити ахбори умум.
- Бо истифода аз имкониятҳои мавҷудаи Вазорати фарҳанги кишвар, Вазорати маориф, ҷалби донишмандон, уламо ва руҳониёни кишвар, шоирон ва нависандагон, журналистон ва тамоми касоне, ки дар мавриди зарар ва оқибатҳои мудҳиши ин вабои аср, чизе гуфта ва ё кореро карда метавонанд, то шояд

раванди муътодшавии ҷавононамон ба ин мараз коҳиш пайдо кунад.
- Пешгирӣ ва кам кардани манбаъҳои воридкунандаи сигор аз хориҷ, бо баланд бардоштани андози гумрукӣ ва коҳиш додани истеҳсоли он дар дохили кишвар ва баланд бардоштани қимати он.
- Ташкил ва созмондиҳии Марказҳои зидди сигор барои фаҳмондадиҳии мардум, ҷалби донишмандони соҳаи тандурустӣ ва уламои динӣ барои баён ва фаҳмондадиҳии мардум дар мавриди зарарҳои моддӣ, маънавӣ ва эътиқодии сигор ба ҷомеа, мардум ва дин ва роҳҳои пешгирии он ва пахши ин чорабиниҳо аз тариқи садо ва симо.
- Бо судури фармон ва ё қабули қароре манъ намудани истифодаи сигор дар тамоми ҷойҳои ҷамъиятӣ ва мушаххас намудани мавқеъҳои сигоркашӣ барои шахсони муътод.
Танҳо амалӣ гаштани ин пешниҳодҳо ва истифодаи фаровон аз таҷрибаҳо ва усулҳои ба кор бурдаи ҷаҳони муосир ва бо иродаи қавӣ ва азми росихи миллати шарифамон, иншоаллоҳ, мо метавонем ин мараз ва вабои асрро, аз кишварамон Тоҷикистони азиз, решакан намоем.
**Ба иттилои хонандагони азиз мерасонам, ки дар таҳия ва навишти ин мақолаи илмӣ-таҳқиқотӣ аз 35 сомонаи интернетӣ, ки ба забонҳои арабӣ, форсӣ, русӣ ва англисӣ пахш мешавад, истифода намудам ва мутаасифона аз ягон сомонаи тоҷикӣ дар ин бора маълумоте пайдо накардам. Инчунин дар масоили**

**фиқҳӣ ва шаръӣ аз як қатор китобҳо ва сарчашмаҳои динӣ, аз қабили Фатовои муосир ва Маҷмуаи мавсуаи фиқҳии Қувейтӣ, Қуръони карим ва Сиҳоҳ истифода намудам. Умед дорам маълумотҳои гирдоварӣ намудаам хотири ҳеҷ як аз бародарон ва хоҳарони масрафкунандаи сигор ва тоҷирони онро наозурда бошад, зеро қасд ва нияти ман, аз иншои ин мақола, касби шӯҳрат набуда, танҳо дарёфти ризои Парвардигор ва муҳаббати миллати азизам мебошад ва умед дорам, ки ба нафъи ҳамагон бошад.**